*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14) E-mail: faridullo72@mail.ru*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Фатҳуллозода Абдухолиқ Фатҳулло ба диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи “Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тасдиқ мекунам, ки диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иктисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои 9, 16, 24 ва 25-и Шиносномаи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯза, талаботи аҳолии кишвар ба маҳсулоти соҳаи саноати сабуку хӯроквории, махсусан маҳсулоти ниёзи аввала, ки бевосита ба комплекси агросаноатӣ вобастагӣ дорад, афзоиш ёфта истодааст. Ҳамин аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикисҷтон дар самти ташаккул ва рушди комплекси агросаноатӣ ва корхонаҳои он корҳои зиёдеро анҷом дода, дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас низ ноил гардидааст. Яъне идоракунию танзими давлатии комплекси агросаноатии кишвар ҳама вақт дар таҳти назорат ва танзими давлат қарор дорад. Амалӣ гардонидани стратегия, консепсия ва барномаҳои соҳавию лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд далели воқеии муваффақиятҳо ва кӯшишҳои давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самт мебошанд. Ҳамчунин, амалӣ гардидани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, махсусан ҳадафҳои сеюм ва чоруми он, ки бевосита ба рушди комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудааст. Мавриди зикр аст, ки саҳми корҳои олимони ватанӣ дар таҳқиқи назария ва амалияи рушди саноати коркард, комплекси агросаноатӣ ва коркарди маҳсулоти

кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он хеле зиёданд, вале дар ин самт ҳанӯз ҳастанд мушкилотҳое, ки ба таври бояду шояд ҳалли пурраи худро наёфтаанд. Аз он ҷумла, дар корҳои илмии муҳаққикони ватанӣ мушкилоти ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, бунёди шароитҳои мусоид ва мустаҳкамгардонии базаи моддию техникӣ барои фаъолияти самараноку босуботи хоҷагиҳои кишоварзӣ, такмили низоми идоракунии онҳо, истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт, масоили арзёбии самаранокии иқтисодӣ ва муайянкунии самтҳои рушди корхонаҳо номбурда дар ин самт ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. Мубрамият ва мавҷудияти мушкилоти номбурда, тақозои ҳалли онҳо дар сатҳи назариявию услубӣ ва амалӣ интихоби мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян карда, гузориши ҳадаф ва мақсадҳои рисолаи илмиро асоснок намудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастовардҳои илмӣ, тасдиқот ва хулосаву пешниҳодҳо оварда шудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо дар матни бобу зербобҳои диссертатсия инъикос ёфта ва натиҷагирӣ шудаанд. Ба фикри инҷониб, сифати муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда инҳо баромад мекунанд:

- Дар диссертатсия таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ анҷом дода шуда, дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши адабиётҳои ватанию хориҷӣ таърифи муаллифии коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ пешниҳод шудааст, ки он барои қиёсу натиҷагириҳои унвонҷӯёни оянда метавонад ҳамчун далели илмӣ хизмат намояд;
- Дар асоси таҳқиқу омӯзиш ва арзёбии масъалаи мазкур муаллифи рисола собит сохтааст, ки дар шароити имрӯза ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо дарназардошти хусусияту омилҳои таъсиррасон метавон муваффақ гардид. Дар ин замина, аз тарафи диссертант хусусиятҳо ва омилҳои номбурда тавсифу тасниф, аз ҷумла таъсири мусбию манфии онҳо ошкор гардида, усулҳои мутобиқати корхонаҳо ба таъсироти ошкоршуда нишон дода шудаанд, ки фикри мо натиҷаи назаррас маҳсуб меёбад;
- Мавриди зикр аст, ки унвонҷӯ дар кори диссертатсионии худ аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ истифода карда, роҳҳои ташкилу самтҳои афзалиятноки фаъолияти онҳоро таҳқиқ намудааст. Дар асоси ин таҳқиқҳо роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани таҷрибаи пешрафтаи онҳоро барои рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст. Аз назари мо омӯзиш ва ба инобат

гирифтани пешниҳодоти диссертант аз ҷониби роҳбарони корхонаҳои мавриди таҳқиқ ба мақсад мувофиқ мебошад;

- Диссертант дар таҳқиқоти илмии худ вазъи кунунии соҳаи кишоварзию саноати коркарди ҷумҳурӣ, вилояти Хатлон, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Кӯлобро ҳамаҷониба ва дақиқу саҳеҳ арзёбӣ намуда, тамоюлҳои рушди соҳаи мазкурро муайян ва мушкилоти онро ошкор сохта, ҳамзамон асоснок кардааст, ки ташкили корхонҳои рақобатпазири коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дарояндаи наздик то кадом андоза барои кишвари мо муҳим арзёбӣ мегарданд;

- Ҳамчунин муайянсозии самтҳои асосӣ ва роҳҳои ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар натиҷаи омӯзиш ва арзёбии ҷанбаҳои назариявию амалӣ асоснок гардидаанд, аз муваффақиятҳои муаллиф ҳисобидан мумкин аст. Бахусус, дастгирии давлатӣ, рушди инноватсионӣ ва таъмини сармоягузориҳою дарёфти сарчашмаҳои молиявиро ҳамчун самт ҷудо кардани муаллифи рисола қобили дастгирӣ мебошад;

- Дар хотимаи рисолаи илмӣ унвонҷӯ тавсия ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмӣ асоснокшударо оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ, вилояти Хатлон, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб бо назардошти таҷрибаи андӯхтаи ватанию хориҷӣ коркард намудааст. Махсусан, тавсияҳо оиди ҳалли мушкилоти молиявӣ, аз ҷумла оид ба таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат, ки диссертант пешниҳод кардааст, диққатҷалбкунанда мебошанд.

Дар сатҳи сазовор гардидан ба дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ ин мавқеи шахсии унвонҷӯ дар мустаҳкамкунии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд, ки муаллифи рисола онҳоро дар чунин шакл арзёбӣ намудааст.

- муаллифи рисола дар кори илмӣ асосноккунии илмии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро аз нигоҳи назариявӣ ва услубӣ анҷом дода, дар асоси таҳқиқу натиҷагириҳо мафҳуми зикршударо шарҳи муаллифӣ додааст;
- дар таҳқиқот муайян ва асоснокунии хусусияту омилҳои ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирасон таҳлил гардида, самтҳои муҳими онҳо мушаххас ва ошкор карда шудааст, махсусан, гурӯҳбандию майянкунии дараҷаи таъсироти онҳо ба фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои номбурда мавриди зикр аст;
- унвонҷӯ таҷрибаи кишварҳои хориҷиро дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ баррасӣ намуда, амалигардонии бархе аз онҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бо назардошти хусусиятҳои хоси иқтисодиёти кишвар тавсия намудааст;

▪ дар таҳқиқот вазъи воқеии соҳаи кишоварзӣ ва саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб таҳлил гардида, раванди истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда баррасӣ ва баҳодиҳӣ гардидааст, ки натоиҷи онро муваффақияти муаллиф шуморидан мумкин аст;

▪ дар диссертатсия дар заминаи таҳқиқу натиҷагириҳо диссертант асоснокгардонии самтҳои асосии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии мамлакат ва минтақаи Кӯлобро дода, механизми татбиқи амалии онҳоро пешниҳод намудааст, ки лоиқи дастгирӣ мебошад;

▪ дар анҷоми кори таҳқиқотӣ муаллиф роҷеъ ба сармоягузориҳо, дастрасии молиявӣ, истифода ва равонасозии онҳо бо мақсади рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб тавсия ва пешниҳодҳои коркардшударо иброз доштааст, ки ба фикри мо ба мақсад мувофиқ мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Оид ба дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот қайд кардан лозим аст, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, муаллиф маълумоти субъектҳои хоҷагидориро аз минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ намуда (маълумоти истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ гардидаанд), хулоса ва натиҷагирӣ кардааст. Маҳз ҳамин маълумотҳо ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба масоили рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Кӯлоб хулосаҳои воқеӣ ва тавсияҳои илман асоснок таҳия намояд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**. Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Намозализода Ш.Н. натиҷагирӣ намудем, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳаммияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоб ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд.

Мавриди зикр аст, ки муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ ва чоп шудаанд. Тавсияҳо ва коркардҳои алоҳидаи диссертатсия дар таҷрибаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои

минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Намозализода Шафқат Намозалӣ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмии унвонҷӯ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Тамоми марҳилаҳои иҷрои нақшаи таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ, мақсад, вазифаҳо ва баррасии аҳаммиятнокии онҳо бо иштироки бевоситаи диссертант анҷом пазируфтааст. Чунин равиш ва натиҷаву хулосабарориҳо ба унвонҷӯ имкон додааст, ки доир ба масъалаҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснокро иброз дорад. Ҳамчунин, маводи дар диссертатсия ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасишуда ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии “Молияи корхонаҳо”, “Иқтисодиёти минтақавӣ” ва “Молияи минтақавӣ” дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон истифода шуда истодаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи пешниҳодшуда номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашударо фаро мегирад. Матни умумии диссертатсия 188 саҳифаро ташкил дода, дорои 8 расм, 6 диаграмма ва 29 ҷадвал мебошад. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тавсифи онро дар алоҳидагӣ иброз доштан мумкин аст.

**Дар боби аввали** диссертатсия «Асосҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ» мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки унвонҷӯ бештар ба масъалаҳои таҳқиқи назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, хусусияту омилҳо ва омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро оид ба ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ тавачҷӯҳ зоҳир намудааст, (саҳ. 13-72).

Дар зербоби 1.1. унвонҷӯ иброз медорад, ки ташкили коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ алоқаи интегратсионии соҳаҳоро ба вуҷуд меорад, аз тарафи дигар имконияти истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро таъмин менамояд. Дар ҳамин замина корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулоти кишоварзии дар минтақаҳо метавонанд шуғли пурсамарро таъмин карда, имконияти содиротии аз талаботи дохила зиёдро фароҳам оваранд. Дар баробари ин

барои кам кардани арзиши аслии маҳсулоти коркардшуда дар минтақаҳое, ки имконияти таъмин кардани ашёи хомро доранд, сохтани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба максад мувофиқ буда хароҷоте, ки барои интиқол додани махсулот сарф мешавад, кам гардида талафёбии маҳсулотҳои зудвайроншавандаро аз байн мебарад ва самаранокии вакти кориро низ таъмин намуда, муносибатҳои тиҷоратии байни минтақаҳои эхтиёҷдоштаро ба миён меорад, (саҳ. 13-28).

Дар зербоби 1.2. муаллифи рисола омӯзиши хусусиятҳо ва таъсири омилҳоро ба рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мавриди арзёбӣ қарор дода, қайд намудааст, ки дар шароити афзоиши рақобат байни истеҳсолкунандагон ва ҳамтоёни хориҷии худ, таъсири омилҳои дохилию берунии зиёдеро интизор шуд. Аз ин лиҳоз, дар баробари хусусиятҳо ва омилҳои таъсиррасони муайяншуда бо назардошти давраҳои такрористеҳсол ҷиҳатҳои мусбию манфии онҳоро ба инобад гирифта тобоварии корхонаҳои соҳаро нисбати онҳо таъмин намудан зарур мегардад, (саҳ. 28-47).

Дар зербоби 1.3. унвонҷӯ пешниҳод намудааст, ки кишвари мо, ки ба рушди босурати соҳаи саноат ва корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи малакаи онҳо муҳим шуморида мешавад. Чунки мутобиқат ва устуворӣ дар як самт вақт ва бурду бохти зиёдро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, истифодаи таҷрибаи кишварҳое, ки дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муваффақ гардидаанд зарурати воқеӣ дошта, барои дар амал татбиқ намудан тавсия карда мешавад, (саҳ. 47-72).

**Дар боби дуюми диссертатсия** “Арзёбии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ” таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва баҳодиҳии тамоюлҳои инкишофу рушди корхонаҳои коркарди саноатии махсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, (саҳ.73-111).

Дар зербоби 2.1 муаллиф қайд мекунад, ки Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, 52% маҳсулоти умумии кишоварзии мамлакатро истеҳсол менамояд. Ҳаҷми маҳсулоти умумии саноати коркарди минтақаи Хатлон 24,3 % истеҳсоли сатҳи ҷумҳуриро ташкил медиҳад, (саҳ.73-88).

Аз рӯйи таҳқиқотҳои дар зербоби 2.2. анҷомшуда, вазъи соҳаи кишоварзию саноати коркарди минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон, баҳодиҳии самаранокии фаъолияти амалии якчанд корхонаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, хамчунин вазъи минтақаҳои озоди иқтисодии Кулобу Данғара баррасӣ гардидааст. Бо назардошти баҳодиҳӣ

ва тамоюлҳои рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, муаллиф иброз медорад, ки ба воситаи барномаҳо, қонунҳо ва дар маҷмӯъ фароҳам овардани шароити мусоид, барои ба роҳ мондани фаъолият дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ метавон рушди минбаъдаи соҳаро таъмин кард, (саҳ.88-111).

**Боби сеюми диссертатсия** "Самтҳо ва роҳҳои ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ" мебошад, ки дар он дастгирии давлатӣ, рушди инноватсионӣ ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоб арзёбӣ гардидааст.

Дар зербоби 3.1. муаллиф иброз медорад, ки бо мақсади дастгирии давлатии комплекси агросаноатӣ ва корхонаҳои он аз ҳамаи манбаҳои маблағгузории давлатӣ беш аз 18 миллиард сомонӣ, аз ҷумла дар доираи татбиқи 29 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ 9,4 миллиард сомонӣ равона карда шуд. Илова бар ин, барои соҳа имтиёзҳои зиёди андозиву гумрукӣ муқаррар карда шуданд ва дар натиҷа ҳама бахшҳои соҳа ба пешравиҳои назаррас ноил гардиданд. Масалан, дар давоми 20 сол шумораи корхонаҳои парандапарварӣ аз 21 ба 200 расонида шуда, истеҳсоли гӯшти паранда 9 баробар зиёд гардид. Инчунин, бо амалисозии барномаҳои соҳавӣ ва имтиёзҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати мамлакат соҳаҳои мазкур бомаром тараққи карда, танҳо аз ин ҳисоб дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 700 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд, (саҳ.112-130).

Дар зербоби 3.2. масъалаҳо оиди рушди инноватсионии соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ баррасӣ шуда, унвонҷӯ қайд кардааст, ки дар шароите, ки рушди инноватсионӣ тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакатро фаро гирифтааст ва рӯз то рӯз талабот нисбат ба хизматрасонӣ ва маҳсулоти инноватсионӣ афзоиш меёбад, зарур аст, ки корхонаҳои фаъолияткунанда ва дар оянда ба нақша гирифташудаи соҳаи саноат ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзиро дар шакли инноватсионӣ таъсис дода, маҳсулоти истеҳсолшуда бо назардошати талаботи бозори дохилию хориҷӣ аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ ва ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй истеҳсол карда шавад, то ки рақобатпазириро таъмин карда тавонад, (саҳ.130-144).

Дар зербоби 3.3., муаллиф вазъи сармоягузроиҳоро баҳодиҳӣ намуда таҳқиқ кардааст. Дар маҷмуъ муайян гардид, ки сармояи ҷалбгардидаи минтақаи Кӯлоб ба 3,5%-и сатҳи ҷумҳурӣ ва 48,8%-и сармоягузориҳои вилояти Хатлон баробар мебошад, (саҳ.145-162).

Дар баробари муваффақиятҳои дар боло зикргардида бартарияти кори диссертатсионии унвонҷӯ дар хулосаҳо ва тавсияҳо низ ба мушоҳида мерасанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 12 мақолаҳои илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои КОА.** Диссертатсияи ва авторефферати Намозализода Ш.Н. ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022 таҳти № 3 таҳия гардида, ба таври мукаммал ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқатии автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.**

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашударо дар худ таҷассум мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дорои арзиши воқеии илмӣ мебошад ва дар баробари муваффақиятҳо дар он камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо моҳияти илмию амалии таҳқиқотҳои ояндаи муаллифи рисоларо беҳтар мегардонад:

1. Дар зербоби 1.2. новобаста аз он ки миқдори муайяни омилҳои ба ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ таъсирбахш мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ба омили инноватсионии ин раванд диққати камтар дода шудааст, (С.39-44);
2. Дар зербоби 1.3. таҷрибаи хориҷӣ ва имконоти истифодаи он дар ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоб бо пуррагӣ кушода нашудааст, (С.69-71);
3. Дар доираи як ҷадвал таҳлил намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳиссаи фоизии коркарди саноатии онҳо ба мақсад мувофиқ аст, ки дар кори иҷрогардида мушоҳида нашуд, (дар зербобҳои 2.1. ва 2.2.);
4. Ба таври мушаххас пешниҳод нашудааст, ки андозҳо ва қарзҳои имтиёзнок маҳз бо кадом меъёрҳо барои коркардкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи давлат ҳамчун воситаҳои ҳавасмандкунӣ ва дастгирӣ пешбинӣ карда шаванд, (С.127-129);
5. Дар рисола муайян карда нашудааст, ки инноватсияҳои соҳаи кишоварзӣ чӣ гуна ба сатҳи даромаднокии корхонаҳои коркардкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ таъсиррасон хоҳанд буд, (С.137-138);

Баяд қайд намуд, ки камбудиҳои номбурда ба арзиш ва мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир манфӣ намерасонад. Аз ин рӯ, аз назари инҷониб, таҳқиқоти мазкур кори илмии ба итмомрасида ва дорои арзиши илмӣ дошта буда, навгониҳои илмию амалиро дар худ инъикос менамояд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.**

Таҳлилу баррасии диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)», ки рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** номзади илмҳои
иқтисодӣ, декани факултети молиявию
иқтисодии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Фатҳуллозода А.Ф.

Имзои **Фатҳуллозода А.Ф.-ро** тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360,
ш. Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров, 16.
Тел: (+99283322) 235-06,
Почтаи электронӣ: info@kgu.tj